**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи “Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.**

*Аз «26» 03 соли 2024* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Д.О. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И., ва н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Расулов Ҷовид Қурбонович хулосаи зеринро қабул намуд:

**1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Расулов Ҷовид Қурбонович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Расулов Ҷовид Қурбонович, 13-уми январи соли 1992 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Расулов Ҷовид Қурбонович соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси молия дохил шуда, соли 2012 донишгоҳи номбурдаро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2012 дар Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассиси шӯъбаи таҳлили хавфҳо оғоз намудааст. Аз соли 2017 то соли 2021 ба ассистенти кафедраи молия ва қарзи факултаи иқтисод ва идораи Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон давом дода, сипас солҳои 2019-2021 ҳамчун муовини декан оид ба таълим кор кардааст. Аз соли 2021-

то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Номбурда солҳои 2012-2017 ҳамчун аспиранти ғоибонаи кафедраи кори бонкии ДМТ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳсил кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти Расулов Ҷ.Қ. бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20.04.2013 сол, бо суратҷаласаи №5 тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмии Расулов Ҷ.Қ. д.и.и., профессори кафедраи туризми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Умаров Ҳоҷимаҳмад Умарович мебошад.

Аспирант имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ - 5 (аъло), таърих ва фалсафаи илм - 5 (аъло) супоридааст. Имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудиро бо баҳои 5 (аъло), аз 13.01.2024 с., дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)", таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Умаров Ҳоҷимаҳмад Умарович иҷро ва дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои кори бонкӣ ва иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 23 январи соли 2024, суратҷаласаи №06 муҳокима гардидааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Мукарраротн асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи “Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Исайнова Манижа Ҳисайновна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии шаҳри Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Қандиёрова Д.О.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Аминов И.А.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Сафаров Б.Г.